

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

№42 (4938)

ҶУМЪА,
4 АПРЕЛИ СОЛИ 2025

Аз 1 январи соли 1991
чоп мешавад

www.sadoimardum.tj


## ФАРМОНИ
### ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи даъвати Иҷлосияи якуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум**

Мутобиқи моддаи 52 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Иҷлосияи якуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум 11 апрели соли 2025 соати 10-00 дар шаҳри Душанбе даъват карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 апрели соли 2025, №1016**

## ФАРМОНИ
### ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи таъин намудани аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум**

Мутобиқи моддаҳои 49 ва 70 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Шахсони зерин аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум таъин карда шаванд:

Ватанзода Маҳмадалӣ Маҳмадулло - ҳуқуқшинос;

Раҷабзода Ҳусния Ҳукуматшо - раиси ноҳияи Мурғоби Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон;

Абдураззоқзода Гулнисо Тавалди - мудири муассисаи томактабии №2-и ноҳияи Лахш;

Низом Қосим Пури Ҷаҳонгир - раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон;

Восифҷонзода Рухшона Восифҷон - директори муассисаи давлатии буҷетии таҳсилоти миёнаи умумии Россия - Тоҷикистон «Мактаби миёнаи умумӣ бо омӯзиши амиқи фанҳои алоҳида дар шаҳри Кӯлоб ба номи К.Д.Ушинский»;

Нодирӣ Шаҳло Ҷамолиддин - директори муассисаи таълимии давлатии литсейи №1-и шаҳри Исфараи вилояти Суғд.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 апрели соли 2025, №1017**

## РУСТАМ МИННИХАНОВ ДАР ҲУЗУРИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ



**3-юми апрели соли 2025 дар Қасри миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Раиси Ҷумҳурии Тотористони Федератсияи Россия Рустам Миннихановро ба ҳузур пазируфтанд.**

Дар вохӯрӣ вазъи кунунӣ ва дурнамои муносибатҳои дӯстию ҳамкории Тоҷикистону Тотористон баррасӣ гардид.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз афзалиятҳои ҳамкорӣ дар сатҳи минтақаҳои Тоҷикистону Россия ёдовар шуда, бо қаноатмандӣ иброз доштанд, ки робитаҳо бо Ҷумҳурии Тотористон ба марҳилаи фаъол ворид мегардад.

Ҳамкорӣ дар соҳаҳои саноат, энергетика, мошинсозӣ, логистикаву нақлиёт, сохтмон ва кишоварзӣ аз самтҳои ояндадори муносибатҳо номида шуд.

Имконияти ташкили корхонаҳои муштарак оид ба коркарди ашёи хом то ба маҳсулоти тайёр, аз ҷумла ришта аз абрешим ва пашм, навъҳои гуногуни матоъ, либоси махсуси корӣ ва мебел, муҳокима шуд. Дар ин робита таъкид гардид, ки ҳар ду ҷониб ба таҳкими ҳамкорӣ барои таъсиси корхонаҳои нассоҷӣ манфиатдоранд.

Дурнамои ҳамкорӣ дар бахши дорусозӣ ва ба роҳ мондани истеҳсоли якҷояи маҳсулоти тиббӣ низ таъкид гардид.

Густариши робитаҳои фарҳангию гуманитарӣ ва сайёҳӣ ҳам аз мавзуъҳои муҳими мулоқот буд.

Афзун намудани шумораи квотаҳои таҳсилотӣ барои шаҳрвандони Тоҷикистон зарур дониста шуд.

Ҳамчунин, оид ба дигар масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳ табодули афкор сурат гирифт.

**www.prezident.tj**



## СУҲБАТИ ТЕЛЕФОНӢ

**1-уми апрели соли 2025 суҳбати телефонии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси Ҷумҳурии Исломии Эрон муҳтарам Масъуди Пизишкиён доир гардид.**

Дар оғози суҳбат Сарвари давлати мо ва муҳтарам Масъуди Пизишкиён ба муносибати ҷашни Наврӯзи бостонӣ ва фарорасии иди муборaки Фитр мубодилаи табрикот анҷом доданд.

Дар ин зимн, Пешвои миллат ба муҳтарам Раиси Ҷумҳурии Исломии Эрон таманниёти сиҳатмандӣ ва комёбиҳои навинро хоста, ба тамоми мардуми дӯсту бародари Эрон сулҳу оромӣ ва пешрафту шукуфоии бардавом орзу намуданд.

Дар идомаи суҳбат ҷонибҳо ҳолати кунунӣ ва дурнамои муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкориҳои гуногунпаҳлуи Тоҷикистону Эронро баррасӣ карданд. Президенти Тоҷикистон бо ибрози қаноатмандӣ аз ҷараёни имрӯзаи рушду тавсеаи робитаҳои ҳар ду кишвар аҳамияти муколамаи пайвастаи сатҳи олиро бахусус таъкид карданд.

Дар ин замина, натиҷаҳои сафари чанде пеш анҷомдодаи Раиси Ҷумҳурии Исломии Эрон муҳтарам Масъуди Пизишкиён ба Тоҷикистон муҳим арзёбӣ гардид. Изҳори умед карда шуд, ки татбиқи ҳамаҷонибаи онҳо ба ҳаллу фасли фарогири масъалаҳои рӯзмарраи муносибатҳои мо мусоидати муассир хоҳад кард.

## МУЛОҚОТИ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ БО ВАЛИД ИБНИ АБДУРАҲМОН АР-РЕШАЙДОН





**3-юми апрели соли 2025 Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ сафири фавқулода ва мухтори Шоҳигарии Арабистони Саудӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Валид ибни Абдураҳмон Ар-Решайдонро ба ҳузур пазируфтанд. Дар ин хусус аз шуъбаи иттилоотии дастгоҳи Раиси шаҳри Душанбе хабар доданд.**

Ҷонибҳо аз сатҳи имрӯзаи муносибатҳо байни Тоҷикистон ва Арабистони Саудӣ изҳори қаноатмандӣ намуданд.

Иброз гардид, ки дар натиҷаи муколамаи сиёсии сатҳи олии ду давлат муносибатҳои судманд мунтазам рушд ёфта, заминаи ҳуқуқии робитаҳои ду кишвари бо ҳам дӯст таҳким меёбад.

Зимни мулоқот ҷонибҳо вазъи ҳамкорӣ дар соҳаҳои сиёсию иқтисодӣ, тиҷорату сармоягузорӣ ва фарҳангию башарӣ, аз ҷумла афзоиши ҳаҷми мубодилаи мол, тавсеаи сохтори тиҷорати мутақобил ва ҷалби бештари сармоягузорони Арабистони Саудӣ ба соҳаҳои мухталифи иқтисоди Тоҷикистонро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Дар мулоқот, ҳамчунин, атрофи дигар масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳ мубодилаи афкор шуд.

## КО САКАМОТО ДАР ҲУЗУРИ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ



**3-юми апрели соли 2025 Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ роҳбари намояндагии Бонки осиёии рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаноби Ко Сакамоторо ба ҳузур пазируфтанд. Дар ин хусус аз шуъбаи иттилоотии дастгоҳи Раиси шаҳри Душанбе хабар доданд.**

Дар ибтидо муҳтарам Рустами Эмомалӣ Ко Сакамоторо ба муносибати таъин шудан ба вазифаи роҳбари намояндагии Бонки осиёии рушд дар Тоҷикистон табрик гуфта, дар фаъолияти пурмаҳсулашон дар роҳи таҳкиму густариши ҳамкорӣ байни Бонки осиёии рушд ва Ҷумҳурии Тоҷикистон барору комёбиҳо орзу намуданд.

Дар ҷараёни мулоқот ҳолати кунунӣ ва дурнамои ҳамкории Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе бо ин созмони бонуфузи молиявӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Ҷонибҳо оид ба масъалаҳои марбут ба ҳамкории дуҷониба дар самти рушди соҳаҳои нақлиёту энергетика, обтаъминкунӣ ва корез, иқтисоди «сабз», инчунин, рақамикунонӣ табодули афкор намуданд.

Дар мулоқот дигар масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳи тарафайн низ баррасӣ шуданд.

## БАРҚИЯҲОИ ТАБРИКӢ



**Якуми апрели соли 2025 миёни Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Амири Давлати Кувайт Шайх Мишъал ал-Аҳмад ал-Ҷобир ас-Сабоҳ дар робита ба 30-солагии барпо кардани муносибатҳои дипломатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кувайт мубодилаи барқияҳои табрикӣ ба амал омад.**

**Дар барқияи табрикии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба унвони Амири Давлати Кувайт Шайх Мишъал ал-Аҳмад ал-Ҷобир ас-Сабоҳ омадааст:**

**«Аълоҳазрат,**

Бо камоли хушнудӣ Шуморо ба ифтихори 30-солагии истиқрори муносибатҳои дипломатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Кувайт самимона табрику таҳният мегӯям.

Мояи фараҳмандист, ки тайи ин муддат равобити дӯстию ҳамкориҳои судманди байни кишварҳои мо пайваста рушд карда, имрӯз фарогири арсаҳои гуногуни мавриди таваҷҷуҳи тарафайн мебошанд. Муколамаи фаъол ва мунтазами сиёсӣ дар сатҳи олӣ ва баланд баҳри тақвияти бештари онҳо, инчунин, ҳамёрии созанда дар доираи созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ аз самараи умедбахши ин раванд маҳсуб меёбанд.

Мо аз сатҳи имрӯзаи ҳамкориҳои сермаҳсули кишварҳоямон қаноатманд буда, хоҳони таҳкиму густариши боз ҳам бештари муносибатҳои ҳамаҷонибаи байнидавлатӣ ҳастем. Умед дорам, ки бо саъю талошҳои пайгиронаи муштарак равобити ҳасанаи Тоҷикистону Кувайт минбаъд низ ба таври афзоянда густариш ёфта, мутобиқ ба манфиатҳои аслии мардумонамон бо иқдомоти нави амалӣ ғанӣ хоҳанд гардид.

Дар ин замина, омодагии ҳаматарафаи инҷонибро ҷиҳати дар амал татбиқ намудани мувофиқаҳое, ки дар чорчӯби музокироти судманди ҷонибҳо зимни сафари ахири ман ба Давлати Кувайт ҳосил гардида буданд, таъкид менамоям.

Бо истифода аз ин фурсати фархунда ба Шумо, бародари гиромӣ, сиҳатмандии комил, саодати рӯзгору пирӯзиҳои навин ва ба мардуми дӯсти Кувайт сулҳу субот ва шукуфоии пойдор орзу менамоям».

**Дар барқияи табрикии Амири Давлати Кувайт Шайх Мишъал ал-Аҳмад ал-Ҷобир ас-Сабоҳ ба унвони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин гуфта шудааст:**

**«Ба Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистони дӯст**

Бо арзи салому дуруд шарафёбам ба Шумо, Ҷаноби Олӣ, беҳтарин таоруфоти худро тақдим карда, бароятон аз Худованди мутаол сиҳатмандӣ ва офияти бардавомро масъалат намоям.

Боиси хушнудии ман аст, ки Шуморо, Ҷаноби Олӣ, ба муносибати 30-солагии истиқрори муносибатҳои дипломатӣ байни Давлати Кувайт ва Ҷумҳурии дӯсти Тоҷикистон самимона табрику таҳният гӯям.

Мо руҳияи ҳамкорӣ, ки раванди муносибатҳои нек байни Давлати Кувайт ва Ҷумҳурии дӯсти Тоҷикистонро фаро мегирад, баланд арзёбӣ мекунем ва ба ҳавасмандии ҳамешагӣ ва муштараки худ ҷиҳати таҳкими ин муносибатҳо ва пайвандҳо ва баланд бардоштани чорчӯби ҳамкории муштарак ба уфуқҳои фарохтар таъкид менамоем. Инчунин, мехоҳам фараҳмандии бепоёни худро ба Шумо, Ҷаноби Олӣ, дар робита ба сафари расмиатон ба Давлати Кувайт моҳи ноябри соли 2024, ки барои рушди робитаҳои матини ҳар ду кишвар натиҷаҳои муфид дар пай дошт, изҳор намоям.

Бо истифода аз ин фурсат Шуморо, Ҷаноби Олӣ, ба муносибати иди саиди Фитр таҳният мегӯям ва аз Парвардигор хоҳони онам, ки ин иди фархундаро ба ҳар ду кишварҳо ва мардумони бо ҳам дӯсти мо ва инчунин, ба уммати мусулмон бо хайру саодату баракот дигарбора фаро расонад.

Ба Шумо, Ҷаноби Олӣ, идомаи комёбӣ ва музаффарият ва ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мардуми дӯсти он пешрафту шукуфоии беш аз пеш таманно дорам».

**www.prezident.tj**

Иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум

## ИЛОВАҲО БА КОДЕКСИ ҶИНОЯТӢ ҚАБУЛ ШУДАНД

**Дуюми апрели соли 2025 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзалӣ Идизода ҷаласаи навбатии Иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум баргузор гардид.**

**РАИС: - Вакилони арҷманд!**

Хоҳиш мекунам, аз қайд гузаред.

Ҳоло дар толор 61 вакил ҳузур доранд.

Имкон шуд, ки ба кори ҷаласа шурӯъ намоем.

Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Нест.

Мутобиқи моддаи 34 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷаласаи навбатии Иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтумро кушода эълон менамоям.

**Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Дар ҷаласаи имрӯза ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода, вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Музаффар Ашуриён, вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода, вазири нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон Азим Иброҳим, сардори Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Хуршед Каримзода, муовини раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Нарзулло Маликзода ва дигар шахсони даъватшуда иштирок доранд.

**РАИС: - Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Ба рӯзномаи ҷаласа 9 масъала пешниҳод шудааст, ки нусхаи он дар дасти шумо ҳаст.

Доир ба рӯзнома таклифу пешниҳоди дигар ҳаст?

Набошад, хоҳишмандам нисбат ба рӯзнома мавқеатонро муайян намоед.

*Дар бораи рӯзномаи ҷаласа бо фарогирии масъалаҳои зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид:*

**1. Дар хусуси Созишнома дар бораи таҳкими алоқаи байниҳамдигарии нақлиёти рӯйизаминӣ дар Осиёи Марказӣ**

**2. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**3. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**4. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет»**

**5. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет»**

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

# СУҲБАТИ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ БО ҶОАН БИН ҲАМАД





**3-юми апрели соли 2025 Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе, Президенти Ассотсиатсияи футболи Осиёи Марказӣ муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо ноиби аввали Президенти Ассотсиатсияи кумитаҳои миллии олимпӣ, Президенти Кумитаи олимпии давлати Қатар Ҷоан Бин Ҳамад Оли Сонӣ мулоқот анҷом доданд.**

Муҳтарам Рустами Эмомалӣ ташрифи меҳмони олиқадрро ба Ҷумҳурии Тоҷикистон хайрамақдам гуфта, пешбурди муносибатҳои дӯстона ва ҳамкории мутақобили судманд бо Давлати Қатарро дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон аз самтҳои афзалиятнок арзёбӣ намуданд.

Дар ҷараёни мулоқот Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ мизбонии муваффақонаи Қатарро дар мусобиқаи муҳими байналмилалии варзишӣ – Ҷоми Осиё оид ба футбол табрик гуфтанд.

Таъкид гардид, ки, воқеан, варзиш воситаи муассири беҳдошт ва тарғиби тарзи ҳаёти солим барои инсоният, махсусан ҷавонон, ба шумор меравад. Боиси ифтихору хушҳолӣ аст, ки маҳз бо дастгириҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳаи варзиш, бахусус навъҳои варзиши олимпӣ, дар мамлакати мо дар марҳилаи рушд қарор доранд.

Муҳтарам Рустами Эмомалӣ нақши Ассотсиатсияи кумитаҳои миллии олимпӣ ва Шурои олимпии Осиёро дар иштироки фаъоли варзишгарони тоҷик дар бозиҳои олимпии ҷаҳон ва минтақа муҳим арзёбӣ карда, пешниҳод намуданд, ки варзиши гӯштингирӣ дар марҳилаи аввал ба Бозиҳои Осиё ва дар марҳилаи дуюм ба Бозиҳои олимпӣ ворид карда шавад.

Изҳори боварӣ шуд, ки Ассотсиатсияи кумитаҳои миллии олимпӣ ва Шурои олимпии Осиё таклифи инҷонибро дар муҳлатҳои наздик ҷонибдорӣ менамоянд.

Дар фарҷом ҷонибҳо оид ба дигар масъалаҳои муҳими соҳа ибрози андеша намуданд.

**«Садои мардум»**

# ҶАЛАСАИ ШУРОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН



**Якуми апрели соли 2025 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзалӣ Идизода ҷаласаи Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар он масъалаҳо «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар хусуси Созишнома дар бораи таҳкими алоқаи байниҳамдигарии нақлиёти рӯйизаминӣ дар Осиёи Марказӣ» мавриди баррасӣ қарор гирифта, ба ҷаласаи навбатии Иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум пешниҳод гардиданд.

Шурои Маҷлиси намояндагон, ҳамчунин, «Дар бораи даъват кардани ҷаласаи навбатии Иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум» қарор қабул кард.

**«Садои мардум»**

# ИЛОВАҲО БА КОДЕКСИ ҶИНОЯТӢ ҚАБУЛ ШУДАНД

(Идома аз саҳ. 1)

**6. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**7. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**8. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**9. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон».**



**РАИС:** - Ба баррасии масъалаҳои рӯзнома шурӯъ менамоем. Аз рӯи масъала «Дар хусуси Созишнома дар бораи таҳкими алоқаи байниҳамдигарии нақлиёти рӯйизаминӣ дар Осиёи Марказӣ» сухан ба вазири нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон Азим Иброҳим дода мешавад. Марҳамат.

**Азим ИБРОҲИМ:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишнома дар бораи таҳкими алоқаи байниҳамдигарии нақлиёти рӯйизаминӣ дар Осиёи Марказӣ бо ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, дар доираи панҷумин воҳӯрии машваратии сарони кишварҳои Осиёи Марказӣ моҳи сентябри соли 2023 дар шаҳри Душанбе дар нахустин воҳӯрии вазирони нақлиёти Осиёи Марказӣ ба имзо расидааст.



Мақсади асосии созишномаи мазкур барои рушди ҳамлу нақли байналмилалии нақлиёти рӯйизаминӣ (автомобилӣ ва роҳи оҳан) бо истифода аз намудҳои гуногуни нақлиёт, баланд бардоштани нишондиҳандаҳои ҳамлу нақл ва транзити байналмилалӣ ва фароҳам овардани шароитҳои мусоид дар ин самт нигаронида шуда, барои таъмини рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ байни кишварҳо мусоидат хоҳад намуд. Бо назардошти он ки имрӯзҳо дар самти зиёд намудани ҳаҷми боркашонӣ ва истифодабарии пурраи иқтидорҳо ташкили ҳамлу нақли мултимодалӣ яке аз масъалаҳои муҳими соҳа ба ҳисоб меравад, баимзорасонии санади мазкур барои татбиқи амалии ҳадафҳо дар ин самт саривақтӣ арзёбӣ мегардад. Вобаста ба ин, созишнома ҷиҳати васеъ намудани ҷуғрофияи ҳамлу нақл тавассути нақлиёти рӯйизаминӣ равона гардида, аз тарафи дигар, барои амалисозии яке аз ҳадафҳои стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - ба кишвари транзитӣ табдил додани мамлакат мусоидат хоҳад намуд. Аз ин рӯ, бо мақсади истифодабарии иқтидорҳои тиҷоратӣ ва баланд бардоштани гардиши мол байни Тоҷикистон ва кишварҳои минтақа, инчунин, фароҳам овардани шароитҳои мусоид, аз ҷумла роҳандозӣ намудани интиқоли мултимодалӣ, дар долони нақлиётии Чин – Тоҷикистон – Ӯзбекистон – Туркманистон – Эрон – Туркия – Аврупо, тасдиқи созишномаи мазкур мувофиқи мақсад мебошад.

Созишнома аз ҷониби ҳамаи кишварҳо Осиёи Марказӣ, ба истиснои Қирғизистон, ҷонибдорӣ гардида, бо гузарондани расмиёти дохилидавлатӣ дар марҳилаи тасдиқ қарор дорад. Бо ҳал гардидани масъалаҳои сарҳадӣ ва хуб шудани муносибатҳо бо ин кишвар аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон низ баимзорасонии созишномаи зикргардида тариқи Вазорати корҳои хориҷӣ корбарӣ мешавад. Ҳамзамон, қабули созишномаи мазкур имкониятҳои бештарро барои рушди логистика, содироти маҳсулоти ватанӣ ва истифода аз бандарҳои обии минтақа фароҳам меорад.

Аз лиҳози масъалаҳои иқтисодию сиёсӣ созишномаи мазкур танҳо паёмадҳои хуб, алалхусус, таҳкими ҳамкории бисёрҷониба, барқарор шудани муносибатҳои дӯстона байни кишварҳо, рушди сайёҳӣ ва зиёд гардидани гардиши молу маҳсулот, дар умум, барои рушди иқтисодиёти дуҷониба ва минтақавии кишварҳои Осиёи Марказӣ мусоидат менамояд. Қабул гардидани созишномаи мазкур аз буҷети мамлакат маблағгузориро талаб наменамояд ва қабули онро дар самти расидан ба ҳадафҳо ва мусоидат дар рушди соҳа мувофиқи мақсад арзёбӣ менамоем. Бинобар ин, ҷиҳати рушди соҳаи нақлиёту логистикаи кишвар, инчунин, мукаммал гардондани санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа, бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки созишномаи пешниҳодшударо ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст? Нест.

Сухани навбатӣ ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия Фирдавс Саидзода дода мешавад. Марҳамат.

**Фирдавс САИДЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишнома дар бораи таҳкими алоқаи байниҳамдигарии нақлиёти рӯйизаминӣ дар Осиёи Марказӣ 14 сентябри соли 2023 дар шаҳри Душанбе ба имзо расида, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Бо Қарори Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон созишнома ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия барои баррасӣ супорида шуд.

Созишномаи мазкур ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои рушди соҳаи нақлиёт ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, васеъ намудани ҷуғрофияи ҳамкориҳои нақлиёти автомобилии кишварамон бо кишварҳои минтақа аз ҷониби Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст.

Вобаста ба мазмун ва муҳтавои созишнома вазири нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон Азим Иброҳим муфассал маълумот доданд.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон дар хулосаҳояшон тасдиқ намудани созишномаро ҷонибдорӣ намуданд.

Созишномаи мазкур расмиёти дохилиро гузашта, ба моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон», дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мутобиқ мебошад. Аз ин лиҳоз, аз шумо - вакилони гиромӣ бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки тасдиқ намудани Созишнома дар бораи таҳкими алоқаи байниҳамдигарии нақлиёти рӯйизаминӣ дар Осиёи Марказиро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси Созишнома дар бораи таҳкими алоқаи байниҳамдигарии нақлиёти рӯйизаминӣ дар Осиёи Марказӣ» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» оғоз менамоем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Музаффар Ашуриён дода мешавад. Марҳамат.

**Музаффар АШУРИЁН:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар асоси супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 27-уми марти соли 2025 дода шуд, аз ҷониби Вазорати адлия таҳия гардид.

Бояд зикр кард, ки дар таҷриба шахсони воқеӣ ва мансабдор бо мақсади насупоридани маблағи истифодаи нерӯи барқ нишондоди таҷҳизоти ҳисоби барқиро тағйир медиҳанд ё бе пайвасткунӣ ба ҷунин таҷҳизот барқро истифода мебаранд. Дар натиҷа ба манфиатҳои иқтисодии кишвар зарари ҷиддӣ мерасонанд.

Тибқи лоиҳа ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи $253^1$ илова мегардад, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои вайрон кардани қоида ва меъёрҳои истифодаи қувваи барқ пешбинӣ мекунад. Моддаи нави иловашаванда аз се қисм иборат буда, мутобиқи қисми 1 моддаи мазкур барои аз берун дахолат намудан ба таҷҳизоти ҳисоби барқӣ ва тағйир додани нишондоди он бо мақсади насупоридани маблағи истифодаи барқ, инчунин, истифодаи барқ бе пайвасткунӣ ба таҷҳизоти ҳисоби барқӣ, агар чунин кирдор дар давоми як соли пас аз татбиқи ҷазои маъмурӣ содир шуда бошад, ҷазои ҷиноятӣ дар намуди ҷарима ба андозаи аз сесаду шасту панҷ то панҷсаду чилу ҳафт нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то се сол татбиқ карда мешавад.

Тибқи қисми 2 моддаи мазкур ҳамин кирдор агар ба миқдори калон аз ҷониби шахс бо истифода аз мақоми хизматӣ ё аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ содир шуда бошад, бо ҷарима ба андозаи аз ҳаштсад то як ҳазору дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз се то шаш сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба муҳлати то се сол ҷазо дода мешавад.

Дар асоси қисми 3 моддаи мазкур кирдорҳои пешбининамудаи қисмҳои якум ё дуюми ҳамин модда агар ба миқдори махсусан калон ё аз ҷониби гурӯҳи муташаккил ё иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ) содир шуда бошанд, бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз шаш то даҳ сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба муҳлати то панҷ сол ҷазо дода мешаванд.

Миқдори калон ва миқдори махсусан калон дар эзоҳи моддаи 244 Кодекси ҷиноятӣ шарҳ дода шуда, мутобиқи он таҳти мафҳуми ба миқдори калон дар моддаҳои боби 26 андозаи арзиши молу мулке дар назар дошта шудааст, ки аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо як ҳазор маротиба зиёдтар мебошад. Ба миқдори махсусан калон арзиши молу мулке фаҳмида мешавад, ки аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо ду ҳазор маротиба зиёдтар мебошад.

Ҳамзамон, дар ҳолати аз тарафи шахс содир намудани ҷинояти дар моддаи мазкур (ба истиснои қисми 3) пешбинишуда агар гунаҳгор то баровардани ҳукми суд зарари моддиро пурра талофӣ намояд, нисбати ӯ ҷазои ҷарима ва ё дигар ҷазои бо маҳрум сохтан аз озодӣ алоқамандnабудаи дар санксияҳои моддаҳои номбурда пешбинигардида таъин карда мешавад. Дар ин робита ба моддаи 49 кодекси мазкур тағйири дахлдор ворид карда мешавад.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад ва аз буҷети давлатӣ дар робита ба иҷро шудани муқаррароти пешбинигардида хароҷоти иловагиро талаб намекунад. Бинобар ин, бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни пешниҳодшударо дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст? Нест.

Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Шуҳрат Ғанизода дода мешавад. Марҳамат.

**Шуҳрат ҒАНИЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Бо Қарори Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни мазкур ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон барои баррасӣ, ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои додани хулоса ва ба раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешниҳоди хулосаи ҳуқуқӣ супорида шуда буд. Лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади пешгирӣ намудани вайронкунии қоида ва меъёрҳои истифодаи қувваи барқ таҳия ва пешниҳод гардидааст. Тавзеҳи бештари зарурат ва пешниҳоди лоиҳаи қонуни зикргардида дар баромади вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр карда шуд.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонунро мавриди омӯзиш қарор дода, онро бо пешниҳоди хулосаҳо ҷонибдорӣ намуданд. Лоиҳаи қонуни пешниҳодгардида ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мухолифат надорад. Бинобар ин, аз шумо - вакилони гиромӣ бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ мекунем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Музаффар Ашуриён дода мешавад. Марҳамат.

**Музаффар АШУРИЁН:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар асоси супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 27-уми марти соли 2025 дода шуд, аз ҷониби Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардид.

Бояд зикр кард, ки дар таҷриба шахсони воқеӣ, шахсони мансабдор ва ё шахсони ҳуқуқӣ бо мақсади насупоридани маблағи истифодаи қувваи барқ қувваи барқро бе пайвасткунӣ ба таҷҳизоти ҳисоби барқӣ, инчунин, бо дахолат намудан аз берун ба таҷҳизоти ҳисоби барқӣ ва тағйир додани нишондоди он истифода мебаранд. Дар натиҷа, ба манфиатҳои иқтисодии кишвар зарари ҷиддӣ мерасонанд.

Тибқи лоиҳаи қонуни мазкур моддаи 382 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумхурии Тоҷикистон дар робита бо илова ба Кодекси ҷиноятии Ҷумхурии Тоҷикистон дар таҳрири нав ифода карда мешавад. Дар асоси моддаи мазкур барои истифодаи қувваи барқ бе пайвасткунӣ ба таҷҳизоти ҳисоби барқӣ, худсарона пайваст шудан (насб шудан) ба шабакаҳо ва дастгоҳҳои таъминоти барқ, истифодаи қувваи барқ ва гармӣ бе асбобҳои зарурии назоратӣ ва баҳисобгирӣ ё бе шартнома бо ташкилотҳои таъминоти қувваи барқ ва гармӣ, кандан ва шикастани пломбаҳои муқарраршудаи асбобҳои андозагирӣ, инчунин, аз берун дахолат намудан ба таҷҳизоти ҳисоби барқӣ ва тағйир додани нишондоди он бо мақсади насупоридани маблағи истифодаи қувваи барқ ҳангоми набудани аломатҳои таркиби ҷиноят ҷазои маъмурӣ дар шакли ҷаримаи маъмурӣ нисбати шахсони воқеӣ ба андозаи аз бист то сӣ, ба шахсони мансабдор аз сӣ то панҷоҳ ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз дусад то сесад нишондиҳанда барои ҳисобҳо татбиқ карда мешавад.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад ва аз буҷети давлатӣ дар робита ба иҷро шудани муқаррароти пешбинигардида хароҷоти иловагиро талаб намекунад. Бинобар ин, бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни пешниҳодшударо дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст? Нест.

Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Шуҳрат Аҳрорзода дода мешавад. Марҳамат.

**Шуҳрат АҲРОРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади пешгирӣ намудани вайрон кардани қоида ва меъёрҳои истифодаи қувваи барқ таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни мазкурро мавриди омӯзиш қарор дода, онро бо пешниҳоди хулосаҳо ҷонибдорӣ намуданд. Аз кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 таклиф пешниҳод гардид, ки ба инобат гирифта шуданд.

Кумитаи масъул масъалаи зикргардидаро 1 апрели соли 2025 дар



ҷаласаи васеи худ бо иштироки намояндагони дигар кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор дод. Кумитаи масъул бо назардошти мулоҳизоти иштирокдорони ҷаласа ба хулоса омад, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад. Он ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқаррароти боби 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ мухолифат надорад. Бинобар ин, аз шумо бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки ба тарафдории лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» оғоз менамоем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба сардори Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Хуршед Каримзода дода мешавад. Марҳамат.

**(Давомаш дар саҳ. 3)**

(Идома аз саҳ. 2)

# ИЛОВАҲО БА КОДЕКСИ ҶИНОЯТӢ ҚАБУЛ ШУДАНД

**Хуршед КАРИМЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Бо мақсади иҷрои супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Хадамоти гумрук таҷриба ва қонунгузории давлатҳои ҷаҳон, аз ҷумла мамлакатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (Федератсияи Россия, Ӯзбекистон, Беларус), дар соҳаи нобудсозии воситаҳои нақлиёти автомобилӣ омӯхта шуд. Омӯзиш нишон дод, ки аксари кишварҳои ҳамсарҳад бо мақсади таъмини амнияти экологӣ, коҳиш додани ифлосшавии муҳити зист, таъмини муҳофизати саломатии шаҳрвандон, таъсири партовҳои хатарнок аз фарсудашавии воситаҳои нақлиёт, ки дар натиҷаи истифодаи онҳо ба вуҷуд меоянд, барои нобудсозии воситаҳои нақлиёти автомобилӣ пардохти дахлдор меситонанд. Пардохт барои нобудсозӣ (утилизатсия)-и воситаҳои нақлиёти автомобилии ба ин давлатҳо воридшаванда аз ҷониби мақомоти гумруки ҳамин давлатҳо дар раванди барасмиятдарории гумрукии воситаи нақлиёт ситонида мешавад.

Аз ҷониби мақомоти гумрук ситонидани пардохти нобудсозӣ ба мақсади муҳофизат аз ҳаҷми шадиди воридоти воситаҳои нақлиёти хориҷии истифодашуда ба кишвар аз ҷиҳати техникӣ фарсудашуда, ки ба талаботи стандартҳои муосири экологии байналмилалӣ ҷавобгӯ намебошанд, мусоидат менамояд. Мавриди зикр аст, ки ифлосшавии ҳавои атмосфера ба саломатии инсон ва устувории экосистемаҳо таъсири манфӣ мерасонад ва инчунин, зангзании унсурҳои инфрасохтори техникиро зиёд мекунад. Ифлосшавии шадиди ҳавои атмосфера мушкилотро, махсусан, ба шаҳрҳои кишвар ба бор меорад. Тибқи маълумоти Кумитаи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз 60 фоизи ифлоскунандаҳои асосӣ, маҳз аз воситаҳои нақлиёт ба ҳавои атмосфера ворид мешаванд, ки шумораи онҳо ҳамасола меафзояд. Дар се соли охир ба Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 243 ҳазор воситаҳои нақлиёт ворид гардида, зиёда аз 90 фоизи воситаҳои нақлиёт дорои муҳаррикҳои сӯзишвории дохилӣ мебошанд, ки ин ҳам ифлосшавии иловагиро ба вуҷуд меорад. Бо назардошти омилҳои зикршуда Хадамоти гумрук лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет»-ро таҳия намуд. Тибқи лоиҳаи таҳияшуда, қисми якуми моддаи 63 (иловаи 29) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» вобаста ба ҷорӣ намудан ва ситонидани пардохт барои нобудсозӣ (утилизатсия)-и воситаҳои нақлиёти автомобилӣ дар таҳрири нав пешниҳод шудааст. Аз ҷумла, пешниҳод карда мешавад, ки пардохт барои нобудсозӣ (утилизатсия) аз воситаҳои нақлиёти автомобилии ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда аз ҷониби мақомоти гумруки Тоҷикистон ҳангоми барасмиятдарории гумрукии воситаҳои нақлиёт ситонида шавад. Инчунин, пардохт барои нобудсозӣ (утилизатсия)-и воситаҳои нақлиёти автомобилии дар ҳудуди ҷумҳурӣ қарордошта аз ҷониби мақомоти Бозрасии давлатии автомобилӣ ҳангоми гузарондани муоинаи ҳатмии давлатии техникии воситаҳои нақлиёт ситонида шавад. Маблағҳои ситонидашаванда нисбат ба як воситаи нақлиёт танҳо як маротиба ба буҷети давлатӣ пардохт карда мешаванд.

Лоиҳаи қонуни пешниҳодгардида тибқи тартиби муқарраршуда бо вазоратҳои адлия, рушди иқтисод ва савдо, молия, нақлиёт ва корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа шуда, хулосаи экспертизаи давлатии зиддикоррупсионии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрас гардид. Лоиҳаи қонуни таҳияшуда ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин, санадҳои байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мухолифат надорад ва ҳангоми қабул гардидан ба буҷети давлатӣ пардохтҳои иловагии молиявӣ ворид мешаванд. Бинобар ин, аз шумо – вакилони арҷманд хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет»-ро дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Нест.

Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Ғафурҷон Собирзода дода мешавад. Марҳамат.

**Ғафурҷон СОБИРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.



Мувофиқи моддаи $63^{29}$ қонуни амалкунанда ситонидани пардохт барои нобудсозӣ (утилизатсия)-и воситаҳои нақлиёти автомобилӣ аз ҷониби мақомоти Бозрасии давлатии автомобилӣ ҳангоми ба қайди давлатӣ гузоштани воситаҳои нақлиёти автомобилӣ пас аз барасмиятдарории гумрукии воситаҳои нақлиёти автомобилии ба ҷумҳурӣ воридгардида ва ҳангоми гузаронидани муоинаи ҳатмии давлатии техникии воситаҳои нақлиёти автомобилӣ муқаррар шудааст. Тибқи лоиҳаи қонуни мазкур бошад, пешниҳод мегардад, ки ҳангоми ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшавии воситаҳои нақлиёт аз ҷониби мақомоти гумрук пардохт тариқи ғайринақдӣ барои нобудсозӣ (утилизатсия)-и воситаҳои нақлиёти автомобилӣ ситонида шавад. Барои воситаҳои нақлиёти автомобилии дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарордошта бошад, аз ҷониби мақомоти Бозрасии давлатии автомобилӣ ситонида шавад.

Қабули қонуни мазкур барои пешгирӣ аз ҳаҷми зиёди воридоти воситаҳои нақлиёти хориҷии истифодашудаи аз ҷиҳати техникӣ фарсудашуда ба кишвар, ки ба талаботи стандартҳои муосири экологии байналмилалӣ ҷавобгӯ намебошанд, мусоидат менамояд.

Лоиҳаи қонуни мазкурро кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон бо пешниҳоди хулосаҳо ҷонибдорӣ намуданд. Он бо тартиби муқарраргардидаи Дастури Маҷлиси намояндагон баррасӣ гардида, тамоми расмиёти дохилиро гузашта, ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Бинобар ин, аз шумо – вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет»-ро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» шурӯъ мекунем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода дода мешавад. Марҳамат.

**Файзиддин ҚАҲҲОРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» пешниҳод мегардад.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо дарназардошти тағйироти пешбининамудаи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки ба баррасии ҷаласаи имрӯзаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, таҳия гардидааст.

Ҳадаф аз таҳияи лоиҳаи қонуни мазкур дар як санади меъёрии ҳуқуқӣ танзим намудани андоз аз суди саҳмияҳои корхонаҳои давлатӣ ва ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ, ки бо саҳми давлат фаъолият менамоянд, ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин, тибқи лоиҳа аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» боби $16^{2}$, яъне муқаррарот дар бораи пардохти андоз аз суди саҳмияҳои корхонаҳои давлатӣ ва ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ, ки бо саҳми давлат фаъолият менамоянд, хориҷ карда мешавад. Бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни пешниҳодшударо ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Нест.

Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Ғафурҷон Собирзода дода мешавад. Марҳамат.

**Ғафурҷон СОБИРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст. Мувофиқи қисми 1 моддаи $63^{5}$ БОБИ $16^{2}$ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» маблағи пардохт аз фоидаи соф аз фоидаи софи корхонаҳои давлатӣ ва ҷамъиятҳои хоҷагидорие, ки 100 фоизи сармояи оинномавиашон (шарикиашон) ба давлат тааллуқ дорад, ситонида мешавад. Пардохт аз фоидаи софи дар соли ҳисоботӣ гирифтаи корхонаҳои (ҷамъиятҳои) мазкур тибқи баҳисобгирии андозӣ муайян шуда, пас аз пардохти андоз аз фоида дар як сол як маротиба пардохт карда мешавад.

Бо мақсади баъд аз пардохти ҳама гуна андозҳо танзим намудани фоидаи софи корхонаҳои давлатӣ санади дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид, ки тибқи он танҳо пардохти ҳиссаи Ҳукумат аз фоидаи софи корхонаҳои давлатӣ пешбинӣ мегардад. Бинобар ин, ҷиҳати аз байн бурдани ихтилофот байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва бо мақсади баъд аз пардохти ҳама гуна андозҳо танзим намудани фоидаи софи корхонаҳои давлатӣ лоиҳаи қонуни мазкур таҳия ва барои баррасӣ пешниҳод шудааст.

Лоиҳаи қонуни мазкурро кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон бо пешниҳоди хулосаҳо ҷонибдорӣ намуданд. Он бо тартиби муқарраргардидаи Дастури Маҷлиси намояндагон баррасӣ гардида, тамоми расмиёти дохилиро гузашта, ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» оғоз менамоем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода дода мешавад. Марҳамат.

**Файзиддин ҚАҲҲОРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешниҳод мегардад, ки бо мақсади танзим намудани имтиёзҳои андозӣ барои воридоти воситаҳои нақлиёти баркӣ таҳия гардидааст.

Тибқи лоиҳаи қонуни мазкур ҷиҳати зиёд намудани ҳавасмандии шаҳрвандон барои воридоти воситаҳои нақлиёти баркии нав ба моддаҳои 251 ва 286 Кодекси андоз тағйирот ворид гардида, механизми татбиқи имтиёзҳои андозии амалкунанда такмил дода шуданд.

Мутобиқи маълумоти коршиносон, муҳлати миёнаи кафолатӣ барои аккумуляторҳои (батареяҳои) воситаҳои нақлиёти баркӣ аз 3 то 5 солро ташкил дода, аз лиҳози техникӣ иқтидори онҳо дар муҳлати зикргардида маҳдуд мебошад. Тавре шумо - вакилони арҷманд иттилоъ доред, раванди воридоти воситаҳои нақлиёти баркӣ ба ҷумҳурӣ тамоюли болоравӣ дошта, танҳо дар соли 2024 ба ҷумҳурӣ зиёда аз 18 ҳазор воситаи нақлиёти баркӣ ворид шудааст, ки 35 фоизи онҳоро нақлиёти баркии муҳлати бароришашон аз як сол зиёд ташкил медиҳад. Дар ин замина, дар лоиҳаи мазкур татбиқи имтиёзҳои андозӣ нисбат ба воситаҳои нақлиёти баркии нав, ки муҳлати барориши он аз 1 (як) сол нагузаштааст, пешбинӣ карда шуда, он барои ҳифзи муҳити зист ва беҳтар намудани вазъи экологии мамлакат, инчунин, иҷрои уҳдадориҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди созмонҳои байналмилалии молиявӣ оид ба танзими имтиёзҳои андозӣ мусоидат менамояд. Бо таваҷҷӯҳ ба маълумоти манзуршуда ва муҳимияти ворид намудани илова ба Кодекси андоз аз шумо - вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни пешниҳодшударо ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Нест.

Сухани навбатӣ ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Ашурзода Ғиёсиддин дода мешавад. Марҳамат.

**Ғиёсиддин АШУРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади танзими воридоти воситаҳои нақлиёти бо муҳаррики баркӣ ҳаракаткунанда ва таъмини пурраи матритсаи тасдиқшудаи чорабиниҳои лоиҳаи «Тоҷикистони рақобатпазир, фарогир ва устувор» бо Бонки умумиҷаҳонӣ, аз ҷумла кам намудани имтиёзҳои андозӣ, таҳия гардидааст.

Бо мақсади истифодаи самараноки иқтисоди «сабз», истифодаи васеи манбаъҳои дигари энергияи барқароршаванда, ҳифзи муҳити зист ва беҳтар намудани вазъи экологии мамлакат воридоти воситаи нақлиёти баркӣ, аз ҷумла электромобилҳо, электробусҳо ва троллейбусҳо аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда, аксиз ва боҷи гумрукӣ озод гардида, тибқи маълумоти омори гумрукӣ воридоти он тамоюли зиёдшавӣ дорад.

Лоиҳаи қонуни зикргардидаро кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон бо пешниҳоди хулосаҳо ҷонибдорӣ намуданд. Он бо тартиби муқарраргардидаи Дастури Маҷлиси намояндагон баррасӣ шуда, тамоми расмиёти дохилиро гузашта, ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ мекунем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода дода мешавад. Марҳамат.

**Файзиддин ҚАҲҲОРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешниҳод мегардад, ки он бо мақсади танзим намудани имтиёзҳои гумрукӣ барои воридоти воситаҳои нақлиёти баркӣ таҳия гардидааст.

Тибқи лоиҳаи қонуни мазкур ҷиҳати зиёд намудани ҳавасмандии шаҳрвандон барои воридоти воситаҳои нақлиёти баркии нав ба моддаи 345 Кодекси гумрук тағйирот ворид гардида, механизми татбиқи имтиёзҳое, ки дар кодекси мазкур пешбинӣ гардидаанд, такмил дода шуданд. Лоиҳаи қонуни мазкур дар робита ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки механизми татбиқи имтиёзҳои андозиро барои воридоти воситаҳои нақлиёти баркии нав тибқи моддаҳои 251 ва 286 Кодекси андоз танзим менамояд, таҳия гардидааст. Дар ин замина, дар лоиҳаи қонуни мазкур татбиқи имтиёзҳои андозӣ нисбат ба воситаҳои нақлиёти баркии нав, ки муҳлати барориши онҳо аз 1 (як) сол нагузаштааст, пешбинӣ карда мешавад. Ҳадаф аз пешниҳоди лоиҳа ҳифзи муҳити зист, беҳтар намудани вазъи экологии кишвар, инчунин, иҷрои уҳдадориҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди созмонҳои байналмилалии молиявӣ оид ба танзими имтиёзҳои андозию гумрукӣ мебошад. Аз шумо - вакилони арҷманд хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни пешниҳодшударо ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Нест.

Сухани навбатӣ ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Тоҳир Набизода дода мешавад. Марҳамат.

**Тоҳир НАБИЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст, пешниҳод мегардад.

Мақсади асосии таҳияи лоиҳаи қонуни мазкур ба танзим даровардани воридоти воситаҳои нақлиёти баркӣ тавассути заминаҳои ҳуқуқӣ ва муайянсозии қоидаву шартҳои дахлдори андозиву гумрукӣ мебошад.



Аз ҷумла, дар лоиҳа масъалаи коҳиш ва бознигарии имтиёзҳои мавҷудаи андозиву боҷи гумрукӣ бо назардошти афзоиши воридоти чунин воситаҳо мавриди баррасӣ қарор дорад. Бо назардошти аҳамияти рушди иқтисоди дорои самти экологӣ, истифодаи васеи манбаъҳои тозаи энергия ва зарурати беҳтарсозии вазъи муҳити зист дар кишвар барои воридоти воситаҳои нақлиёте, ки бо неруи барқ фаъолият мекунанд, имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ муқаррар гардидаанд. Тибқи маълумоти мақомоти гумрук, ҳаҷми воридоти ин гуна техника тамоюли афзоишро дар давраи охир нишон медиҳад.

Лоиҳаи қонуни мазкур пешниҳод менамояд, ки имтиёзҳои андозиву гумрукӣ танҳо ба воситаҳои нақлиёти баркии нав, ки дар давоми як соли охир истеҳсол шудаанд, татбиқ шаванд. Ин иқдом ба хотири ҷалби бештари шаҳрвандон ба истифодаи технологияҳои муосир ва ҳалли масоили экологӣ роҳандозӣ мегардад.

Лоиҳаи қонуни мазкур аз ҷониби кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон дастгирӣ ёфта, ба муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузории амалкунанда мутобиқ аст. Бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» оғоз менамоем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода дода мешавад. Марҳамат.

**Файзиддин ҚАҲҲОРЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешниҳод мегардад.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади мукаммалгардонии тартиби пардохт аз фоидаи софи корхонаҳои давлатӣ ва ҷамъиятҳои хоҷагидорие, ки давлат дар сармояи оинномавии онҳо ҳисса дорад, таҳия гардидааст. Дар муқаррароти қисми 1 моддаи 237 Кодекси андози амалкунанда пардохти андоз аз суди саҳмияҳои корхонаҳои давлатӣ истисно гардида, он ҳамчун пардохтҳои дигари ҳатмӣ, яъне пардохтҳои ғайриандозӣ, пешбинӣ гардидааст. Ҳамзамон, пардохт аз фоидаи софи корхонаҳои давлатӣ ва ҷамъиятҳои хоҷагидорие, ки давлат дар сармояи оинномавии онҳо ҳисса дорад, тибқи талаботи боби $16^{2}$ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» танзим гардида, ҳисоб ва пардохти он аз рӯйи баҳисобгирии андозӣ муқаррар шудааст. Тибқи лоиҳа, бо мақсади таъмини принсипи адолатнокӣ аз қисми 1 моддаи 237 Кодекси андоз муқаррароти истисноӣ хориҷ карда шуда, минбаъд корхонаҳои давлатӣ андоз аз суди саҳмияро аз рӯйи баҳисобгирии муҳосибӣ ҳисоб ва пардохт менамоянд. Дар маҷмуъ, қабули лоиҳаи қонуни мазкур ба сода намудани тартиби ҳисоб ва пардохти андоз аз суди саҳмияҳо аз ҷониби корхонаҳои давлатӣ ва ҷамъиятҳои бо саҳми давлат фаъолияткунанда нигаронида шудааст. Аз шумо - вакилони арҷманд хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи пешниҳодшударо ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Нест.

Сухани навбатӣ ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Ашурзода Ғиёсиддин дода мешавад. Марҳамат.

**Ғиёсиддин АШУРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади аз байн бурдани ихтилофот байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва бо мақсади баъди пардохти ҳама гуна андозҳо танзим намудани фоидаи софи корхонаҳои давлатӣ таҳия шудааст. Бо назардошти омӯзиши таҷрибаи давлатҳои ҳамсоя ва шарикони рушд бо мақсади баъд аз пардохти ҳама гуна андозҳо танзим намудани фоидаи софи корхонаҳои давлатӣ ва ҷамъиятҳои хоҷагидории бо саҳми давлат фаъолияткунанда танҳо пардохти ҳиссаи Ҳукумат аз фоидаи софи корхонаҳои давлатиро пешбинӣ менамояд.

Лоиҳаи қонуни мазкурро кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон ҷонибдорӣ намуданд.

Он бо тартиби муқарраргардидаи Дастури Маҷлиси намояндагон баррасӣ гардида, тамоми расмиёти дохилиро гузашта, ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни пешниҳодгардидаро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ мекунем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода дода мешавад. Марҳамат.

**Файзиддин ҚАҲҲОРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешниҳод мегардад, ки бо мақсади танзими меъёрҳои андоз аз воситаҳои нақлиёт таҳия гардидааст.

Тибқи лоиҳаи қонуни пешниҳодшуда ба қисми 1 моддаи 360 Кодекси андоз тағйироти дахлдор ворид карда шуда, меъёри андоз барои автомобилҳои сабукрав аз 4 намуд ба 3 намуд, барои воситаҳои нақлиёти мусофирбар аз 3 намуд ба 1 намуд ва барои воситаҳои нақлиёти боркаш аз 4 намуд ба 2 намуд кам карда шуд, ки он барои содагардонии ҳисоби андози мазкур мусоидат менамояд.

Бояд қайд намуд, ки новобаста аз рушди муназзами соҳаҳои иқтисодиёти кишвар меъёри андоз аз воситаҳои нақлиёт аз соли 2017 то инҷониб бетағйир боқӣ монда, дар доираи лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади таъмини уҳдадориҳои иҷтимоии давлат меъёри он бознбинӣ шуд.

Қабули лоиҳаи қонуни мазкур барои афзоиши даромади буҷетҳои маҳаллӣ, рушди иҷтимоию иқтисодӣ, аз ҷумла таъмини уҳдадориҳои иҷтимоии давлат, мусоидат менамояд. Аз шумо - вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни пешниҳодшударо ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Нест.

Сухани навбатӣ ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Ғиёсиддин Ашурзода дода мешавад. Марҳамат.

**Ғиёсиддин АШУРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади дарёфти манбаъҳои иловагии андозбандӣ, таъмини иҷрои пурра ва сифатноки нишондиҳандаҳои қисми даромади буҷети давлатӣ, бо назардошти принсипҳои андозбандӣ, меъёрҳои андоз аз воситаҳои нақлиёт таҳия гардидааст.



Тибқи лоиҳаи пешниҳодшуда дар моддаи 360 Кодекси андоз барои воситаҳои нақлиёт бо назардошти соҳаи фаъолият ва иқтидори муҳаррик меъёрҳо аз 12 то 20 фоиз пешбинӣ гардидааст.

Лоиҳаи қонуни зикргардидаро кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон ҷонибдорӣ намуданд. Он бо тартиби муқарраргардидаи Дастури Маҷлиси намояндагон баррасӣ гардида, тамоми расмиёти дохилиро гузашта, ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Аз шумо - вакилони гиромӣ хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - **Вакилони муҳтарам, ҳозирини гиромӣ!**

Масъалаҳое, ки ба рӯзномаи ҷаласа пешбинӣ гардида буданд, баррасӣ шуданд.

Доир ба рафти ҷаласа эрод ҳаст? Нест.

Барои иштироки фаъолонаатон изҳори миннатдорӣ намуда, ҷаласаи имрӯзаро пӯшида эълон менамоям.

---

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ, «Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

# ДИҚҚАТ, ОЗМУН!

## КУМИТАИ ДИН, ТАНЗИМИ АНЪАНА ВА ҶАШНУ МАРОСИМИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ИШҒОЛИ МАНСАБҲОИ ХОЛИИ ЗЕРИНИ МАЪМУРИИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТӢ ОЗМУН ЭЪЛОН МЕНАМОЯД:

**1. Сардори шуъбаи коргузорӣ, назорат ва корҳои махсуси кумита – 1 ҷой.**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолнамуда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 4 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 5 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз ҷониби Тоҷикистон эътирофгардида, кор бо компютер, донистан ва риоя намудани қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ҳатмист. Донистани забонҳои хориҷӣ ба инобат гирифта мешавад.

*Маоши мансабӣ -* 2967,80 *сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯйи ҷадвали ягонаи тарифӣ.*

**2. Мудири бахши ҳуқуқи кумита – 1 ҷой.**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолнамуда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 4 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз ҷониби Тоҷикистон эътирофгардида, кор бо компютер, донистан ва риоя намудани қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ҳатмист. Донистани забонҳои хориҷӣ ба инобат гирифта мешавад.

*Маоши мансабӣ -* 2434,85 *сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯйи ҷадвали ягонаи тарифӣ.*

**3. Сармутахассиси шуъбаи коргузорӣ, назорат ва корҳои махсуси кумита – 1 ҷой.**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолнамуда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз ҷониби Тоҷикистон эътирофгардида, кор бо компютер, донистан ва риоя намудани қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ҳатмист. Донистани забонҳои хориҷӣ ба инобат гирифта мешавад.

*Маоши мансабӣ -* 2204 *сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯйи ҷадвали ягонаи тарифӣ.*

**4. Сармутахассиси бахши ҳуқуқи кумита – 1 ҷой.**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолнамуда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз ҷониби Тоҷикистон эътирофгардида, кор бо компютер, донистан ва риоя намудани қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ҳатмист. Донистани забонҳои хориҷӣ ба инобат гирифта мешавад;

*Маоши мансабӣ -* 2204 *сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯйи ҷадвали ягонаи тарифӣ.*

**5. Мутахассиси пешбари шуъбаи коргузорӣ, назорат ва корҳои махсуси кумита – 1 ҷой.**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии касбӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз ҷониби Тоҷикистон эътирофгардида, кор бо компютер, донистан ва риоя намудани қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ҳатмист. Донистани забонҳои хориҷӣ ба инобат гирифта мешавад.

*Маоши мансабӣ -* 1798 *сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯйи ҷадвали ягонаи тарифӣ.*

**Барои иштирок дар озмун аз довталабон ҳуҷҷатҳои зерин талаб карда мешаванд:**

- ариза ба номи раиси Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо бо 2 дона расми андозаи 4х6 (маълумотҳои шахсӣ ва фаъолияти меҳнатӣ дақиқ ва фаҳмо нишон дода шавад);
- тарҷумаи ҳол;
- нусхаи ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот;
- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ (ба ғайр аз ҳолатҳое, ки шахс собиқаи меҳнатӣ надорад);
- маълумотнома дар бораи вазъи саломатӣ (шакли №038);
- нусхаи гувоҳномаи рақами мушаххаси андозсупоранда;
- эъломия дар бораи даромадҳо ва вазъи молумулкии худ;
- маълумотнома аз ҷои истиқомат;
- маълумотнома оиди надоштани доғи судӣ;
- нусхаи шиноснома;
- нусхаи билети ҳарбӣ (барои шахсоне, ки хизмати ҳарбиро адо намудаанд).

**Ҳуҷҷатҳо аз ҷониби шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муҳлати 21 рӯз баъди чопи аввалини эълон дар шакли хаттӣ қабул карда мешаванд.** *e-mail: info@din.tj.*

**Суроға: шаҳри Душанбе, кӯчаи Низоми Ганҷавӣ 420, индекс: 734043, телефон: 2336965.**

**Сомонаи кумита - www.din.tj, сомонаи Агентии хизмати давлатӣ - www.ahd.tj**

---

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзуи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 428143 | Маркази ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои пӯст ва узвҳои таносул | Хӯрокворӣ, молҳои хоҷагӣ, канселярӣ, нарм ва маводи масрафӣ барои техникаи идоравӣ | Озмуни кушод | Мол | 74 | 14.04.2025 15:30:19 |
| 2 | 428136 | Беморхонаи клиникии шаҳрии бемориҳои сироятии кӯдаконаи шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории бинои Беморхонаи клиникии шаҳрии бемориҳои сироятии кӯдаконаи шаҳри Душанбе | Озмуни кушод | Кор | 1 | 24.04.2025 09:00:00 |
| 3 | 428145 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №29-и шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 15 | 24.04.2025 11:00:00 |
| 4 | 428146 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №29-и шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 50 | 24.04.2025 11:00:00 |
| 5 | 428147 | Муассисаи таълими томактабии кӯдакистони №4-и ҷамоати деҳоти Ёваи ноҳияи Б.Ғафуров | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 6 | 24.04.2025 11:00:00 |
| 6 | 428148 | Бахши фарҳанги ноҳияи Б. Ғафуров | Либосҳои театрии духтарона | Озмуни кушод | Мол | 5 | 24.04.2025 11:00:00 |
| 7 | 428149 | Муассисаи таълими томактабии кӯдакистони №5-и ҷамоати Д.Холматов ноҳияи Б.Ғафуров | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 33 | 24.04.2025 11:00:00 |
| 8 | 428150 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №15-и шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 54 | 24.04.2025 11:00:00 |
| 9 | 428151 | Муассисаи таълими томактабии рақами 35-и «30-солагии истиқлол»- и шаҳри Хуҷанд» | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 47 | 24.04.2025 11:00:00 |
| 10 | 428152 | Маркази саломатии шаҳри Ҳисор | Мебел, бочкаи пластикӣ, ҳисобкунаки барқ ва сипари оташнишонӣ дар маҷмуъ | Озмуни кушод | Мол | 9 | 24.04.2025 11:35:21 |
| 11 | 428155 | Маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологии шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории бинои Маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологии шаҳри Душанбе | Озмуни кушод | Кор | 1 | 24.04.2025 11:40:00 |
| 12 | 428154 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони № 123» | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 33 | 24.04.2025 11:40:24 |
| 13 | 428144 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №63-и ноҳияи Фирдавсӣ | Таъмири пайраҳаҳо дар ҳудуди Муассисаи давлатии таълими томактабии «Боғчаи бачагонаи №63»-и ноҳияи Фирдавсӣ | Озмуни кушод | Кор | 1 | 24.04.2025 11:45:00 |
| 14 | 428158 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №98»-и ноҳияи Сино | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 37 | 24.04.2025 13:04:52 |
| 15 | 428159 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №137» | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 29 | 24.04.2025 13:10:22 |
| 16 | 428153 | Мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ятими ноҳияи Сангвор | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 48 | 24.04.2025 13:38:14 |
| 17 | 428161 | Кумитаи бехатарии озуқаворӣ назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Доруҳои зидди паразитӣ ва антибактериалӣ | Озмуни кушод | Мол | 6 | 24.04.2025 14:00:00 |
| 18 | 428162 | Муассисаи давлатии махсусгардонидашудаи нақлиёти тиббӣ | Қисмҳои эҳтиётӣ барои автомашинаҳои тиббӣ | Озмуни кушод | Мол | 141 | 24.04.2025 14:00:00 |
| 19 | 428163 | Маркази саломатии шаҳри Ҳисор | Дастгоҳҳо ва асбобҳои тиббӣ | Озмуни кушод | Мол | 12 | 24.04.2025 14:00:00 |
| 20 | 428165 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии хун»-и шаҳри Душанбе | Маводи ташхисии лабораторӣ ва масрафшаванда | Озмуни кушод | Мол | 50 | 24.04.2025 14:10:00 |
| 21 | 428156 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Исмоили Сомонӣ | Либосҳои махсуси корӣ, гипохлориди калсий, ҷорӯб, рангҳои равғанӣ ва жилети сигналӣ | Озмуни кушод | Мол | 6 | 24.04.2025 14:44:44 |
| 22 | 428166 | Беморхонаи физиотерапевтии Ғӯлакандози вилояти Суғд | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 29 | 24.04.2025 14:50:35 |
| 23 | 428168 | Беморхонаи клиникавии вилояти Суғд | Таҷҳизот, асбоб ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни кушод | Мол | 8 | 24.04.2025 15:00:00 |
| 24 | 428157 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Исмоили Сомонӣ | Нуриҳои органикӣ ва минералӣ, гулдонҳои полиэтиленӣ, торф ва тухмии алафҳои ҳамешасабз | Озмуни кушод | Мол | 15 | 24.04.2025 15:55:55 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

---

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 6 майи соли 2025 музоядаи № 55-ро оид ба фурӯши амволе, ки давлатӣ гардидаанд, барпо менамояд:

**1. Маркази хизматрасонии бонкии №9, воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Шерализода 54/3. Масоҳати умумии бино ва иншоот – 256 м$^{2}$. Нархи ибтидоӣ - 3379712 сомонӣ;**

**2. Бинои филиали «Тоҷиксодиротбонк» дар шаҳри Норак, воқеъ дар шаҳри Норак, кӯчаи Ленин 11. Масоҳати умумии қитъаи замин – 0,02 га. Масоҳати умумии бино ва иншоот – 203 м$^{2}$. Нархи ибтидоӣ - 1632343 сомонӣ;**

**3. Ду толори тиҷоратӣ ва як таваққуфгоҳ, воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Н.Махсум. Масоҳати умумии бино ва иншоот –3440,1 м$^{2}$. Нархи ибтидоӣ – 13586843 сомонӣ;**

**4. Бинои маркази савдо ва фарҳангӣ (тарабхона), воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Зарафшон 6. Масоҳати умумии бино ва иншоот – 496,9 м$^{2}$. Нархи ибтидоӣ – 5148878 сомонӣ;**

**5. Қисми фермаи чорводорӣ, воқеъ дар ноҳияи Ҳамадонӣ, деҳоти Турдиев, деҳаи Иқбол. Масоҳати умумии қитъаи замин – 3,9 га. Масоҳати умумии бино ва иншоот – 5476,7 м$^{2}$. Нархи ибтидоӣ - 1369175 сомонӣ;**

**6. Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар шаҳраки Восеъ, воқеъ дар ноҳияи Восеъ, шаҳраки Восеъ, кӯчаи И. Сомонӣ 41. Масоҳати умумии қитъаи замин – 0,10 га. Масоҳати умумии бино ва иншоот – 579,9 м$^{2}$. Нархи ибтидоӣ - 1445042 сомонӣ;**

**7. Бинои маркази солимгардонӣ ва толори савдо, воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Шамсӣ 16. Масоҳати умумии бино ва иншоот – 1518,6 м$^{2}$. Нархи ибтидоӣ – 11444170 сомонӣ;**

**8. Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар шаҳри Панҷ, воқеъ дар шаҳри Панҷ, кӯчаи Рӯдакӣ 47. Масоҳати умумии қитъаи замин – 0,24 га. Масоҳати умумии бино ва иншоот – 548 м$^{2}$. Нархи ибтидоӣ – 1803742 сомонӣ;**

**9. Заводи пахта, воқеъ дар ноҳияи Дӯстӣ, деҳоти Нури Вахш, деҳаи Гогол б/р. Масоҳати умумии қитъаи замин – 5,1 га. Масоҳати умумии бино ва иншоот – 6307,8 м$^{2}$. Нархи ибтидоӣ - 2431283 сомонӣ;**

**10. Бинои филиали ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» дар ноҳияи Восеъ, воқеъ дар ноҳияи Восеъ, ҷ/д Рӯдакӣ, деҳоти Навобод. Масоҳати умумии қитъаи замин – 0,15 га. Масоҳати умумии бино ва иншоот – 393 м$^{2}$. Нархи ибтидоӣ - 3046613 сомонӣ.**

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда – **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда **соати 10$^{00}$** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 700 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оиди гузаронидани музояда бо нишонии: шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

---

## ДАРАК ДИҲЕД!

Дар суди шаҳри Хуҷанд парвандаи оилавӣ аз рӯи аризаи Саипова Фарзона Юсуфовна, шахси манфиатдор, мақомоти васоят ва парастории МИҲД-и шаҳри Хуҷанд оиди бедарак ғоиб эътироф намудани шавҳараш Тулянов Александр Алихонович, рӯзи таваллудаш 9 сентябри соли 1983, ҷои истиқоматаш шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи 13, бинои 4, ҳуҷраи 83, оғоз карда шудааст. Ҳамаи ташкилотҳо ва шахсоне, ки ҷои будубоши Тулянов Александр Алихоновичро медонанд, ба суди шаҳри Хуҷанд хабар диҳанд.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

Шиносномаи гумшудаи силсилаи A004040317, ки онро ШВКД дар ноҳияи Хуросон 20 декабри соли 2021 ба Абдуллоев Наҷибулло Файзуллоевич додааст, эътибор надорад.

Аттестати гумшуда дар бораи таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №2-и шаҳраки Сомониёни ноҳияи Рӯдакӣ соли 1979, ба Алиханова Гулчеҳра Носировна додааст, эътибор надорад.

Аттестати гумшудаи силсилаи А№167586, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №3-и ноҳияи Нуробод соли 1991, ба Самиев Ҳотам Холович додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи №000356, ки онро Донишкадаи такмили ихтисоси баъдидипломии кормандони тибби Ҷумҳурии Тоҷикистон 22 январи соли 2013 таҳти қайди 356 ба Абдуфатоева Фарзона Саидмаматовна додааст, эътибор надорад.

Шиносномаи гумшудаи A03069865, ки онро ШВКД-2 дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 29 январи соли 2020 ба Мунавварова Маҳина Ҳабибуллоевна додааст, эътибор надорад.

Аттестати гумшудаи №015057, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №92-и ноҳияи Рӯдакӣ соли 1987 ба Сангов Рустам Негматович додааст, эътибор надорад.

Шиносномаи техникии гумшудаи бинои анбор, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе 19 сентябри соли 2019 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Баҳовидинов, хонаи берақам, ба Мадумаров Рустам Солижонович додааст, эътибор надорад.

Сертификати гумшудаи ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи А №0313594, ки онро Кумитаи заминсозии шаҳри Душанбе 12 декабри соли 2011 таҳти қайди 7453 барои сохтмони Маҷмааи муосири варзишӣ ва барқароркунии саломатӣ барои кӯдакон ба Мадумаров Рустам Солижонович додааст, эътибор надорад.

Сертификати гумшудаи ҳуқуқи истифодаи замин таҳти қайди 14838 бо дараҷаи А 0383985, ки онро Кумитаи заминсозии шаҳри Ҳисор 19 апрели соли 2013 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, ҷамоати шаҳраки Шарора, ба Баротов Маҳмадшариф додааст, эътибор надорад.

Замимаи гумшуда ба дипломи силсилаи ДТО №0135203, ки онро Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино 9 июли соли 2008 таҳти қайди 461 ба Курбанова Мавҷуда Буроновна додааст, эътибор надорад.

Замимаи гумшуда ба дипломи №0001162, ки онро Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон» 28 феврали соли 2020 таҳти қайди 946 ба Курбанова Мавҷуда Буроновна додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшуда дар бораи таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи Т-ШТУ № 0142570, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №88-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 27 майи соли 2008 ба Курбанова Мавҷуда Буроновна додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи таваллуди гумшудаи силсилаи АА №5480740, ки онро ҷамоати деҳоти Чубеки ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ 14 июни соли 2022 таҳти қайди 240 ба Раҳмонзода Исмоил Нурмуҳаммад додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи таваллуди гумшудаи силсилаи АА №1184354, ки онро ҷамоати деҳоти Чубеки ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ 6 августи соли 2010 ба Раҳмонова Бибиоиша Нурмуҳаммадовна додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи таваллуди гумшуда, ки онро ҷамоати деҳоти Чубеки ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ 6 сентябри соли 2012 таҳти қайди 382 ба Раҳмонова Ҳалима Нурмуҳаммадовна додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи таваллуди силсилаи АА №1808607, ки онро ҷамоати деҳоти Чубеки ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ 11 сентябри соли 2014 таҳти қайди 459 ба Раҳмонова Зайнаб Нурмуҳаммадовна додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи таваллуди гумшудаи силсилаи АА №4352883, ки онро ҷамоати деҳоти Чубеки ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ 10 январи соли 2020 таҳти қайди 22 ба Раҳмонова Ёсуман Нурмуҳаммадовна додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи ақди никоҳи силсилаи АА № 0311561, ки онро ҷамоати деҳоти Чубеки ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ 2 январи соли 2009 таҳти қайди 3 ба Раҳмонов Нурмуҳаммад Гадохуҷаевич ва Қурбонова Шабнам Халифаевна додааст, эътибор надорад.

Шиносномаи гумшудаи A03092506, ки онро ШВКД дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ 23 январи соли 2020 ба Раҳмонов Нурмуҳаммад Гадохуҷаевич додааст, эътибор надорад.

Шиносномаи гумшудаи A4908830, ки онро ШВКД дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ 16 декабри соли 2008 ба Қурбонова Шабнам Халифаевна додааст, эътибор надорад.

Ваколатномаи гумшудаи силсилаи НТ №0909944, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Рӯдакӣ 3 апрели соли 2024 таҳти қайди 01-02-1451 аз номи Темиров Худойбердӣ Сафиевич ба Ҷумаҳмадов Қурбоналӣ додааст, эътибор надорад.

Аттестати гумшудаи силсилаи Т-АТА № 1081995, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №98-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 10 июли соли 2020 ба Нуров Эмомидин Олимович додааст, эътибор надорад.

Шиносномаи гумшудаи A02676381, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 25 ноябри соли 2019 ба Мирзоев Синавбар Шамирович додааст, эътибор надорад.

Аттестати гумшудаи силсилаи Т-ШТУ №0599229 дар бораи таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №21-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе соли 2012 ба Ходжаев Умед Сироҷидинович додааст, эътибор надорад.

Сертификати гумшудаи ҳуқуқи истифодаи замини №0377591, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Қубодиён таҳти қайди №7756 бо суроғаи деҳаи «Ваҳдат»-и ҷамоати деҳоти «Тахти сангин»-и ноҳияи Қубодиён ба номи Идрисова Майна ба расмият даровардааст, эътибор надорад.

Сертификати гумшудаи ҳуқуқи истифодаи замини №0148049, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Қубодиён бо суроғаи ноҳияи Қубодиён, ҷамоати шаҳраки Қубодиён, кӯчаи Убайди Зоконӣ, хонаи 54, таҳти қайди 2654 ба номи Бобоев Рустам ба расмият даровардааст, эътибор надорад.

Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Қубодиён 5 сентябри соли 1992 таҳти қайди 457 бо суроғаи ноҳияи Қубодиён, шаҳраки Қубодиён, кӯчаи Шерозӣ, хонаи 12, ба Худоёров Дониёр додааст, эътибор надорад.

Аттестати гумшудаи силсилаи Т-ШТУ №121978, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №47-и ноҳияи Қубодиён соли 1991 ба Қаландарова Хайринисо Баҳридиновна додааст, эътибор надорад.

Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, гузаргоҳи 2-юми кӯчаи Деҳлавӣ (собиқ Островский), бинои 5, хонаи 20, ба Холов Умаралӣ Миралиевич додааст, эътибор надорад.

Аттестати гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №54-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2013 ба Ҳасанов Фарҳод Баҳруллоевич додааст, эътибор надорад.

Дафтарчаи имтиҳонии гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур соли 2021 ба Раҷабов Аҳмадшоҳ Ёрмаҳмадович додааст, эътибор надорад.

Сертификати гумшудаи ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи Б№0155465, ки онро Кумитаи идораи замини ноҳияи Данғара 2 августи соли 2006 таҳти қайди 1356 бо суроғаи ноҳияи Данғара, деҳаи Себистони ҷамоати деҳоти Себистон, ба Мирзоев Суҳроб Тағаймуродович додааст, эътибор надорад.

Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бо суроғаи ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, шаҳраки Москва, кӯчаи К. Маркс, бинои 14, хонаи 8, ба Расулов Марасул додааст, эътибор надорад.

Қарори гумшудаи Кумитаи иҷроияи Шурои депутатҳои халқи ноҳияи Москва аз 20 декабри соли 1992 таҳти №462 дар бораи ба шаҳрвандон фурӯхтани хонаҳои истиқоматӣ дар қисмати барои ба истифодаи шахсии шаҳрванд Расулов Марасул фурӯхтани хонаи истиқоматии дар ҳисоби хоҷагии манзилӣ буда бо суроғаи кӯчаи К. Маркс, 14/8, эътибор надорад.

Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ, ки онро Идораи давлатии нотариалии ноҳияи Москва (ҳоло ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ) 29 январи соли 1993 таҳти феҳрасти 98, бо суроғаи ноҳияи Москва, шаҳраки Москва, кӯчаи К. Маркс, бинои 14, хонаи 8, ба Расулов Марасул Бобоевич додааст, эътибор надорад.

Дафтари хонадории гумшуда, ки онро ШВКД дар ноҳияи Варзоб бо суроғаи ноҳияи Варзоб, ҷамоати деҳоти Чорбоғ, деҳаи Сарикӯтал, ба Шоев Бобӣ додааст, эътибор надорад.

Дафтарчаи имтиҳонӣ ва билети донишҷӯии гумшудаи дорои коди Ш 20757, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур соли 2021 ба Мансуров Улфат додааст, эътибор надорад.

Садои мардум
Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Бахтовар КАРИМЗОДА

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев,*
*Далер Абдулло,*
*Ориф Ёдгоров,*
*Шариф Атобуллоев,*
*Фарзона Файзалиева*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ-16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238-53-71; сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари хабарнигорони минтақавӣ 238-53-56; муовин 238- 54-52; котибот 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сиёсат ва ҳуқуқ 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисод 238-58-91; муҳаррири шуъбаи фарҳанг ва иҷтимоӣ 238-58-93; муҳаррири шуъбаи ахбор 238-52-97; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238-54-57; хабарнигорони минтақавӣ дар ВМКБ 93-355-51-03; вилояти Хатлон 919-67-88-78, 985-82-81-97; ШНТҶ 918-68-40-17.

**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj
**ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 4 апрели соли 2025, соати 11:45 иҷозат дода шуд. Адади нашр 35305 нусха*

Навбатдори шумора Ш. Атобуллоев

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97